«Тасдиқ мекунам»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п., дотсент
_______________ Сафарзода Д.Ҷ.
«___» ___________ 2025 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждагӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ таҳқиқоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносии тоҷик, танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждагӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Танзими шартномавӣ ва иҷрои уҳдадориҳо дар бахши соҳибкорӣ» барои солҳои 2016-2020 ва «Таҳқиқи назариявӣ-амалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» барои солҳои 2021-2025 анҷом дода шудааст.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон, андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории оилавӣ метавонанд саҳми назаррасро гузорад. Аз ин рӯ, муҳақиқ дар интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иштибоҳ роҳ надода, балки мавзуи интихобнамудаи ӯ саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Рушди сайёҳии байналмилалӣ имрӯз ба яке аз самтҳои калидии иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Афзоиши пайвастаи ҷараёни сайёҳон нишон медиҳад, ки ин соҳа на танҳо манбаи даромади молиявӣ, балки василаи густариши робитаҳои байнидавлатӣ, тақвияти дӯстӣ ва муаррифии арзишҳои фарҳангӣ мебошад. Тоҷикистон бо доро будани захираҳои нодири табиӣ, мероси бойи таърихию фарҳангӣ ва имкониятҳои гуногуни табобативу истироҳатӣ метавонад дар ин раванд ҷойгоҳи муҳимро ишғол намояд.

Мусалам аст, ки дар паёмҳои Пешвои муаззами миллат низ ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода мешавад. Аз ҷумла, Асосгузори сулуҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ аз 28 декабри соли 2024 афзалияти рушди сайёҳиро ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии кишвар таъкид намуда, ба зарурати ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва тақвияти сайёҳии дохилӣ ишора карданд. Афзоиши назарраси шумораи сайёҳон дар солҳои охир шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон тадриҷан ба макони ҷолиби саёҳат барои шаҳрвандони даҳҳо кишвари ҷаҳон табдил ёфтааст.

Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имкониятҳои мавҷуда пурра истифода намешаванд. Монеаҳои ҳуқуқӣ, норасоии танзими равшани шартномаҳои байналмилалӣ, инчунин заъфи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи

сайёҳон то ҳол мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мондаанд. Ин ҳолат боиси пайдоиши баҳсҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ мегардад ва эътимоди сармоягузорони хориҷиро коҳиш медиҳад. Ҳамин аст, ки зарурати таҳқиқоти илмӣ-амалӣ дар самти такмили қонунгузории соҳаи сайёҳӣ, мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ ва истифодаи самараноки таҷрибаи кишварҳои муваффақ пеш меояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни «Дар бораи сайёҳӣ» (2020, бо тағйиру иловаҳои соли 2024) ва Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030, заминаи ҳуқуқиро фароҳам овардаанд. Бо вуҷуди ин, самаранокии татбиқи онҳо ниёз ба таҳлили амиқ, тавсияҳои илмӣ ва ҳалли мушкилоти амалиро талаб мекунад. Ба ҳамин хотир, таҳқиқоти мазкур на танҳо аҳамияти назариявӣ дорад, балки метавонад ҳамчун дастури амалӣ барои такмили қонунгузорӣ, рушди инфрасохтор ва боло бурдани рақобатпазирии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ хизмат намояд.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда мафҳум ва ва намудҳои сайёҳии байналмилалиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, онро дар қонунгузории миллӣ, хориҷӣ ва байналмилалӣ таҳлил намояд.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» арзишманд буда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории соҳибкорӣ, маданӣ, иқтисодӣ ва адабиёти илмӣ бармеоянд. Дар кори мазкур, бо истифода аз методҳои диалектикӣ, мантиқию забоншиносӣ, оморӣ, расмию ҳуқуқӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ хусусиятҳои назариявӣ ва амалии муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи сайёҳии байналмилалӣ баррасӣ шуда, масъалаҳои муҳимми ҳуқуқӣ-маданӣ ошкор ва таҳқиқ гардидаанд.

Дар диссертатсия бори аввал таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои сайёҳии байналмилалӣ

тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, хусусиятҳои асосии ин муносибатҳо дар асоси таҳлили қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ омӯхта шудаанд.

Муаллиф бо далелҳои илмӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод намудааст, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» ва дигар санадҳои марбута ба миён омадааст. Хусусан, пешниҳод шудааст, ки мафҳумҳои калидӣ ва истилоҳоти ҳуқуқие, ки дар қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд, дақиқ гардонида шуда, механизмҳои амалисозии шартномаҳои байналмилалӣ ва ҳимояи ҳуқуқи сайёҳон равшантар муайян карда шаванд. Ҳамзамон, дар кори мазкур пешниҳодҳои мушаххас барои такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муомилоти байналмилалии сайёҳӣ ва муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои ин муносибатҳо асоснок ва пешниҳод гардидаанд.

Хулосаю пешниҳодҳои муаллиф бо таҳлили илмӣ ва маводи кофии амалии ҷамъшуда асоснок гардида, метавонанд боиси баланд бардоштани самаранокии қонунгузории соҳаи сайёҳӣ, ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ва афзоиши соҳаи мазкур дар Тоҷикистон барои меҳмонону сармоягузорони хориҷӣ гарданд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои кори мазкур ҳам барои илм ва ҳам барои амалияи ҳуқуқтатбиккунӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқот ба омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявию амалии танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили хулосаҳои бадастомада, пешниҳодҳо ва хулосаҳои илман асосноккардашуда дар рисола пешниҳодгардида, навоварии илмии танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст, асос ёфтаанд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф кӯшиш намудааст, ки нуқтаи назари худро баён намояд, лаҳзаҳои баҳснокро

ҷудо намуда, таваҷҷуҳро ба ақидаҳои нав ҷалб карда, фаҳмиши худро дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки дар ин самт ба миён меоянд, пешкаш намояд.

Ҳамзамон, мақсади таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф ин омӯзиши ҳамаҷониба ва маҷмуии масъалаҳои танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба он мушкилоти танзими ҳуқуқии масъалаи баррасишаванда, муайян намудани мафуҳмҳои асосӣ ва омилҳои махсуси моҳияти он, таҳлили мафҳум ва намудҳои аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ, инчунин омӯзиши Шартномаи хизматрасонии пулакӣ ҳамчун намудҳои гуногуни аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳӣ, ки барои татбиқ кардан дар амалияи қонунгузории ватанӣ имконпазиранд, мақсади таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Тадқиқоти мазкур, ки ба омӯзиши масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ бахшида шудааст, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Муаллиф бо таҳлили амиқи қонунгузории миллӣ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ як қатор хулосаҳои муҳимро пешниҳод намудааст, ки метавонанд ба такмили қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ мусоидат кунанд.

- Муаллиф дар кори мазкур мафҳуми сайёҳии байналмилалӣ ҳамчун як намуди фаъолияти соҳибкорӣ, ки робитаҳои иқтисодию фарҳангӣ ва иҷтимоиро фаро мегирад, муайян карда шудааст. Муаллиф нишон додааст, ки барои истифодаи самараноки потенсиали кишвар зарур аст, ки мафҳум ва намудҳои сайёҳии байналмилалӣ (фарҳангӣ, экологӣ, табобатӣ, тиҷоратӣ, кӯҳнавардӣ ва ғайра) дар қонунгузории миллӣ ба таври возеҳ ифода шаванд.

- Аҳдҳои иқтисоди беруна ҳамчун асоси муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи сайёҳӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки хусусияти асосии ин аҳдҳо дар трансмиллӣ будан, вобастагӣ аз стандартҳои

байналмилалӣ ва мураккабии танзими ҳуқуқӣ мебошад. Намудҳои асосии онҳо – шартномаи хизматрасонии пулакӣ, шартномаи миёнравӣ ва шартномаи хизматрасонии нақлиётӣ – ба таври муфассал таҳқиқ гардида, мушкилоти амалии татбиқи онҳо дар Тоҷикистон нишон дода шудааст.

- Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ муайян карда шуд, ки норавшании меъёрҳои ҳуқуқӣ дар Кодекси мадании ҶТ (моддаҳои 859–864) ва Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» боиси баҳсҳои ҳуқуқӣ ва паст шудани эътимоди сайёҳони хориҷӣ мегардад. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки фарқиятҳои ҳуқуқии байни шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ, миёнравӣ ва нақлиётӣ дар қонунгузорӣ дақиқ карда шаванд ва меъёрҳои мушаххас оид ба масъулият ва сифати хизматрасониҳо ворид карда шаванд.

- Дар тадқиқот зарурати мутобиқсозии қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи байналмилалӣ оид ба шартномаҳои сафар (CCV, 1970)-ро асоснок намудааст. Муаллиф ба зарурати ҷорӣ кардани механизмҳои арбитражӣ ва таъсиси марказҳои ҳимояи ҳуқуқи сайёҳони хориҷӣ ишора кардааст, ки метавонанд шаффофияти муносибатҳои шартномавиро таъмин ва ҷаззобияти Тоҷикистонро дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ афзоиш диҳанд.

- Кор бо пешниҳоди тавсияҳои мушаххас барои қабули санадҳои махсуси меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи сайёҳӣ анҷом ёфтааст, ки онҳо ба танзими шартномаҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ва ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон нигаронида шудаанд.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки натиҷаҳои илмии диссертатсия на танҳо барои назарияи ҳуқуқи мадании, балки барои амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ низ арзиши баланд доранд. Онҳо метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои такмили қонунгузории миллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ хизмат намоянд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи мафҳуми сайёҳии байналмилалӣ муаллиф дар хулоса пешниҳод кардааст:

1. Дар зери мафҳуми сайёҳии байналмилалӣ ҳамчун фаъолияте муайян карда шуд, ки муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар бар гирифта, ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад. Намудҳои асосии он – фарҳангӣ, экологӣ, табобатӣ ва тиҷоратӣ – дар Тоҷикистон потенсиали баланд доранд, аммо набудани инфрасохтори муосир ва танзими нокифояи ҳуқуқӣ монеа эҷод мекунанд.

2.Тадқиқоти мазкур ба омӯзиши асосҳои ҳуқуқии танзими сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди роҳҳои такмили он бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва стандартҳои Созмони Ҷаҳонии Сайёҳӣ нигаронида шудааст. Дар ҷараёни тадқиқот мафҳум, намудҳо, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, хусусиятҳои танзими аҳдҳои иқтисоди беруна, камбудиҳои қонунгузории миллӣ ва нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар рушди сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтанд. Натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки қонунгузории кунунии Тоҷикистон, бо вуҷуди пешрафтҳои муайян, ба такмили ҷиддӣ ниёз дорад, то ба талаботи бозори ҷаҳонии сайёҳӣ мутобиқ гардад ва шароити мусоид барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва сармояи хориҷӣ фароҳам оварда шавад.

3. Аҳдҳои иқтисоди беруна, аз қабили шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ ва миёнравӣ, дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ нақши муҳим бозиданд. Аммо, дар Тоҷикистон набудани меъёрҳои мушаххас барои танзими ин шартномаҳо, норавшании масъулияти тарафҳо ва мутобиқати нокифоя ба стандартҳои байналмилалӣ ба баҳсҳои ҳуқуқӣ ва коҳиши сифати хизматрасониҳо оварда мерасонанд.

**Бо мақсади исботи навиштаҷотҳои болозикр метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб Самизода Ф.Д., арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад:**

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Сайёҳии байналмилалӣ як самти фаъолияти соҳибкорӣ буда, сайёҳати шахсони воқеиро ба Тоҷикистон ва сайёҳати шаҳрвандони Тоҷикистонро кишварҳои хориҷӣ бо мақсадҳои гуногун, аз қабили истироҳат, омӯзиши фарҳанг, табобат, тиҷорат ва муошироти байналмилалӣ дар бар мегирад. Ин фаъолият на танҳо ба афзоиши даромади иқтисодии кишвар мусоидат мекунад, балки ба мубодилаи фарҳангӣ, таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди устувори захираҳои табиӣ ва таърихӣ низ хизмат менамояд. Хусусияти асосии сайёҳии байналмилалӣ дар иштироки субъектҳои гуногуни байналмилалӣ аз қабили сайёҳон, танзимгарону агентии сайёҳӣ ва хизматрасонандагон зоҳир мегардад. Барои пурра истифода бурдани потенсиали ин соҳа зарур аст, ки мафҳуми сайёҳии байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ дақиқ муайян карда шуда, намудҳо ва талаботи он мушаххас гарданд. Сайёҳии байналмилалӣ намудҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо ба мақсадҳои мушаххаси сафар, хусусиятҳои ташкил ва талаботи сайёҳон асос ёфтаанд ва дар Тоҷикистон чунин намудҳояш бештар рушд намудаанд: сайёҳии фарҳангӣ; сайёҳии экологӣ; сайёҳии табобатӣ; сайёҳии тиҷоратӣ; сайёҳии кӯҳнавардӣ ва ғайра.

2. Аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ шартномаҳои байни субъектҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ мебошанд, ки ба ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ аз қабили истироҳат, сафарҳои фарҳангӣ, табобат ва чорабиниҳои тиҷоратӣ нигаронида шудаанд. Ин аҳдҳо муносибатҳои хизматрасониро бо иштироки тарафҳои сайёҳии байналмилалӣ танзим мекунанд. мусоидат мекунанд. Хусусияти асосии аҳдҳои иқтисоди беруна дар хусусияти трансмиллӣ, зарурати риояи меъёрҳои байналмилалӣ ва мураккабии танзими ҳуқуқӣ зоҳир мегардад, зеро онҳо ба қонунгузории миллии тарафҳо ва стандартҳои СҶТ такя мекунанд. Намудҳои асосии аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ инҳоянд: 1) Шартномаи хизматрасонии пулакӣ – ба анҷоми хизматрасониҳои мустақим ба монанди истиқомат дар меҳмонхона ё

роҳбаладӣ нигаронида шудааст; 2) Шартномаи миёнравӣ – ба ташкили хизматрасониҳо аз ҷониби агентии сайёҳӣ равона аст; 3) Шартномаи хизматрасонии нақлиётӣ – интиқоли сайёҳон тавассути ҳавопаймо, қатора ё автобусро дар бар мегирад.

3. Шартномаи хизматрасонии пулакӣ, шартномаи миёнравӣ ва шартномаи хизматрасонии нақлиётӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ намудҳои асосии аҳдҳои иқтисоди берунаро ташкил дода, дар қонунгузории Тоҷикистон бо нофаҳмиҳои зиёди ҳуқуқӣ рӯбарӯ мебошанд. Шартномаи хизматрасонии пулакӣ ба анҷоми хизматрасониҳои мустақими сайёҳӣ, ба монанди истиқомат дар меҳмонхонаҳои Душанбе ё роҳбаладии сайёҳон дар Помир, нигаронида шуда, хизматрасонро ба таъмини сифати хизмат ва муштариро ба пардохт ӯҳдадор мекунад, аммо набудани меъёрҳои мушаххас дар Кодекси мадании ҶТ (моддаҳои 859-864) боиси паст шудани сифат мегардад. Шартномаи хизматрасонии миёнаравӣ ба ташкили хизматрасониҳо аз ҷониби миёнравон, ба монанди агентии сайёҳӣ равона буда, масъулияти онҳо аксар норавшан мемонад, ки ба баҳсҳои ҳуқуқӣ бо сайёҳони хориҷӣ оварда мерасонад. Шартномаи хизматрасонии нақлиётӣ ба интиқоли сайёҳон тавассути воситаҳои нақлиёт (ҳавопаймо, қатора) нигаронида шудааст. Таносуби ин шартномаҳо дар он аст, ки шартномаи хизматрасонии пулакӣ хизматрасонии мустақимро, шартномаи хизматрасонии миёнаравӣ ташкили онро ва шартномаи хизматрасонии нақлиётӣ шарти техникии сафарро таъмин мекунад, аммо дар қонунгузории Тоҷикистон фарқияти онҳо дақиқ муайян нашудааст. Ин норасоӣ боиси нофаҳмиҳо дар масъулияти тарафҳо ва коҳиши эътимоди сайёҳон мегардад. Барои ҳалли ин мушкилот зарур аст, ки қонунгузорӣ бо муайян кардани таносуби ин шартномаҳо такмил ёфта, меъёрҳои мушаххас барои масъулият ва сифати хизматрасониҳо ҷорӣ карда шаванд

4. Ҳуқуқ нисбати аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо, масъулият ва манфиатҳои тарафҳои шартнома – танзимгари

сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ, хизматрасонон ва сайёҳони хориҷиро муайян мекунад. Барои муайян кардани ҳуқуқ дар аҳдҳои иқтисоди беруна зарур аст, ки масъулияти хизматрасонон (меҳмонхонаҳо, роҳбаладон), миёнравон (агентии сайёҳӣ) ва субъектони хизматрасонии нақлиётӣ дақиқ муқаррар карда шуда, тартиби ҷуброни зиён ба сайёҳон мушаххас гардад. Ин тадбирҳо метавонанд шаффофияти муносибатҳои шартномавиро афзоиш дода, ба баланд шудани ҷаззобияти Тоҷикистон барои сайёҳони хориҷӣ мусоидат намоянд. Барои ин зарур аст, ки қонунгузорӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ, ба монанди Конвенсияи байналмилалӣ оид ба шартномаҳои сафар (CCV) мутобиқ гардонида шуда, механизмҳои арбитраж таъсис дода шаванд.

**Пешниҳодҳои хусусияти амалидошта:**

Тадқиқоти мазкур бо омӯзиши амиқи асосҳои ҳуқуқии танзими сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Муаллиф тавонистааст, ки камбудиҳои қонунгузории миллиро дар робита ба танзими шартномаҳои байналмилалӣ, ҳимояи ҳуқуқи сайёҳон ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ба стандартҳои байналмилалӣ муайян намояд. Ин таҳлил на танҳо мушкилоти амалиро ошкор мекунад, балки роҳҳои такмили низоми ҳуқуқиро низ нишон медиҳад.

Муҳимтарин дастовардҳои амалии тадқиқот иборатанд аз: - пешниҳод намудани зарурати қабули санадҳои махсус барои танзими аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳӣ; - асосноккунии мутобиқсозии қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои Созмони Ҷаҳонии Сайёҳӣ ва Конвенсияи байналмилалии шартномаҳои сайёҳӣ; - тавсияҳои амалӣ оид ба ташкили инфрасохтори муосир ва ҷалби сармояи хориҷӣ; - роҳҳои омодасозии кадрҳои касбӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият бо муассисаҳои таълимии дохилию хориҷӣ; - афзоиши аҳамияти шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун воситаи рушди ҳамкориҳои сайёҳӣ ва баланд бардоштани ҷаззобияти кишвар.

Аз нигоҳи илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот таҷрибаи муқоисавӣ ва таҳлили санадҳои байналмилалиро ба муҳити ҳуқуқии миллӣ ворид намуда, замина барои такмили назарияи ҳуқуқи сайёҳӣ дар Тоҷикистон фароҳам меоранд. Аз

ҷиҳати амалӣ бошад, иҷрои тавсияҳои муаллиф метавонад ба зиёдшавии шумораи сайёҳони хориҷӣ, ҷалби сармояи мустақим, баланд шудани сифати хизматрасониҳо ва таҳкими обрӯи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунад.

Ҳамин тавр, диссертатсия дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ буда, метавонад ҳамчун дастури муҳим барои мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор дар рушди соҳаи сайёҳии байналмилалӣ истифода гардад.

**Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:**

1. Дар навгонии сеюми рисолаи имӣ, муаллиф пешниҳоди такмили ҳуқуқии шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ, миёнравӣ ва нақлиётӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалиро баррасӣ намудааст. Бо вуҷуди ин, дар кори мазкур масъалаи фарқгузории дақиқи ин шартномаҳо дар моддаҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 859–864) ба таври кофӣ асоснок нашудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки ин шартномаҳо аз ҷиҳати мундариҷа ва вазифа аз ҳам ҷудо ҳастанд, аммо ҳудуди татбиқи онҳо дар амалия бо дигар шартномаҳои хизматрасонӣ (масалан, шартномаи фармоиши хизматрасонӣ ё шартномаи истеъмолӣ) ба таври муфассал шарҳ дода нашудааст. Ин ҳолат метавонад савол ба миён оварад, ки оё зарурати ворид кардани меъёрҳои алоҳида барои ҳар як навъи шартнома вуҷуд дорад, ё беҳтар он аст, ки дар доираи тағйиру иловаҳои дақиқ ба КМ ҶТ масъала ҳаллу фасл гардад.

2. Муаллфии рисолаи илмӣ масъалаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар соҳаи сайёҳии байналмилалиро дар зербоби якуми боби 3 баррасӣ намуддаст, вале таҳлили илмии ин зербоб дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» маҳдуд гардидааст. Хусусияти татбиқи ин қонун дар муносибатҳои бо иштироки сайёҳони хориҷӣ шарҳ дода нашудааст, ҳамчунин механизмҳои амалии ҷуброни зиён ва тартиби ҳалли баҳсҳои фаромиллӣ баррасӣ нашудаанд. Илова

бар ин, муқоиса бо стандартҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон пешниҳод нашудааст, ки арзиши илмӣ ва амалӣ доштани ин қисматро маҳдуд месозад.

3. Муаллиф дар зербоби 3 боби 2 масъадлаҳои муайян намудани ҳуқуқ нисбати шартномаҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ таҳлили мукаммали ҳуқуқи намуда, ӯҳдадориҳои тарафҳоро нисбат ба аҳдҳои иқтисоди беруна дар сайёҳии байналмилалӣ бо такя ба Кодекси мадании ҶТ (моддаҳои 1306–1314) ва Қонуни «Дар бораи сайёҳӣ» пешниҳод кардааст, аммо масъалаи мушаххаси норасоии механизмҳои интихоби қонуни татбиқшаванда (моддаи 1306 КМ ҶТ) дар баҳсҳои байналмилалӣ, ки ба Конвенсияи Вена (1980) мутобиқ нест, пурра баррасӣ нашудааст (саҳ. 107). Ин норасоӣ боиси норавшании масъулияти тарафҳо мешавад ва ба баҳсҳои судӣ монеагӣ эҷод мекунад, чунонки дар амалияи судҳои ҶТ мушоҳида мешавад. Барои ҳалли ин масъала, пешниҳод мешавад, ки да зербоби мазкур таҳлили муқоисавии қонуни татбиқшаванда бо кишварҳои Осиёи Марказӣ (масалан, Қазоқистон, моддаи 9 Қонуни №475-V) қиёс шавад, то механизмҳои арбитражи байналмилалӣ такмил ёбанд. Ин иловаҳо ба коҳиши баҳсҳои соҳаи мазкур мусоидат мекунад ва дараҷаи илмиро баланд мебардорад.

Эродҳои дар бобо зикр гардида, дар умум, хислати мусбӣ дошта, барои таҳқиқоти минбаъдаи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд ва танҳо шаҳодати он мебошад, ки масъалаҳои баррасишаванда на танҳо хеле муҳим ва арзишманд буда, балки барои илмӣ ҳуқуқшиносӣ навгонии назаррас мебошад ва муаллиф дар ҳалли аксарияти масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиётҳои илмӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари мустақилонаи худро пешниҳод намудаст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расонидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи кори мазкур аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст. Дар баробари ин, мақсаду

вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд. Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва заруриро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

Сохтори рисолаи илмӣ бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 211 саҳифаро дар бар мегирад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 10 мақолаи илмии мазмуни проблемаҳои баррасишавандаро ифодакунанда нашр кардааст, 5 аз онҳо дар маҷаллаҳои илмии Комиссияи Олии тақризшавандаи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ. Сохтори диссертатсия бо мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боби ҳашт зербобро дарбаргиранда, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашаванда иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия 202 саҳифа мебошад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуну моҳияти муқаддима, бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дар дарҷ ёфтаанд.

Диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисос, ки Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад.

Хаҷми диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шуданд, мақолаҳои илмӣ ва маърузҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамояд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Самизода Фурқат Давлаталӣ ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқ мебошад.

Тақриз дар асоси муқарраротои мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертасия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ назариявии кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисоди факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 9 нафар: Тарафдор – 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №1/1 аз 18-уми сентябри соли 2025.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Раупова М,Т., д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда

шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 9 нафар: тарафдор – нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи кафедра таҳти №1/1 аз 18-уми сентябри соли 2025.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Д.А.

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раупова М.Т

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимов Д.Қ

«Имзои Олимзода Д.А., Раупова М.Т.,
Раҳимов Д.Қ.-ро тасдиқ мекунам":
Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсус Насурдинзода А.Н.

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир 33
Тел: (+992 37) 224-45-29, https://www.apa.tj, info@apa.tj
«19» 09 соли 2025